# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсиям Нурулҳақ Камар дар мавзӯи: «Салафия: назария ва амалия» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои фалсафа аз рӯи ихтисоси 09.00.14 - Фалсафаи дин ва диншиносӣ**

Яке аз ҳаракатҳои ифротгарои дар заминаи эътиқодҳои динӣ амалкунанда, ки имрӯз аз ҷониби бегонагон ба кишварҳои тозаистиқлоли Осиёи Марказӣ, аз ҷумла Тоҷикистон интиқол ёфта, имконияти дар оянда вайрон кардани мувозинати динию мазҳабӣ, вазъи сиёсию идеологӣ ва суботу амнияти ҷомеаро дорад, ин ҳаракати салафия мебошад, ки дар ҷаҳони ислом имрӯз ҳамчун як равияи тундгаро шинохта шудааст.Салафия аз калимаи арабии «салафа» — гузашта будан, пешина будан, ниёгонгароӣ гирифта шуда, пеш аз ҳама як рӯҳияи умумии бузургдошти «гузаштагони некном» (ар. «ас-салаф ас-солиҳин»)-и се қарни аввали таърихи ислом аст. Сонияи, як гароишест, ки ҳамаи фирқаву мазҳабҳои маъруфи исломӣ мавқеъгирии худро ба салафи солеҳ нисбат додаанд.

Муҳаққиқ Нурулҳақ Қамар паҳлуҳои асли ин масъаларо дар рисолаи илмияш «Салафия: назария ва амалия» ба риштаи таҳқиқ кашидааст, ки онҳо аз мубрамияту муҳиммияти мавзуъ гувоҳи дода, ҷанбаҳои асосиашон дар автореферати диссертатсия инъикос шудаанд. Муаллиф ин масъалаҳоро ба вазъи имрӯза пайванд дода, дуруст қайд мекунад, ки аҳмияти мавзуи интихобшуда бо яке аз чунин таҳдиду хатарҳо ба кишвар ва истиқлоли давлати Тоҷикистон ин паҳншавии афкори такфирӣ-ҷиҳодии зиддимиллию зиддитамаддунии ҷараёни салафияи ифротӣ мебошад. Хатари салафияи ифротӣ нисбати давлати миллии дунявии Тоҷикистон дар он аст, ки бо пуштибонии қудратҳои ҷаҳонию минтақавие, ки дар Тоҷикистон манфиати геосиёсӣ доранд, он дар зери парчами бозгашт ба “исломи ноб”, яъне исломи замони ба ном “салафи солеҳин,” хилофати исломиро эҳё кардан меҳоҳанд ва бар зидди низоми давлатдориҳои миллию дунявӣ, аз ҷумла Тоҷикистон, мубориза

мебаранд. Мутаассифона, давлатҳои Ғарб низ барои амалӣ сохтани нақшаҳои геосиёсӣ ва геоиқтисодии худ ва барои дар ҳолати бозмондагии иқтисодӣ-иҷтимоӣ ва ҳарбӣ-сиёсӣ нигоҳ доштани кишварҳои рӯ ба тараққӣ, аз ҷумла Тоҷикистон, аз ин омил истифода мекунанд. (Автореферат саҳ. 3)

Аз таҳлили натиҷаҳои таҳқиқотҳои сотсиологӣ чунин хулоса баровардан мумкин аст, ки экстремизм ва гаравиши баъзе аз ҷавонон ба ҳизбу ҳаракатҳо ва гурӯҳҳои экстремистию террористӣ яке аз мушкилии ҷиддии Тоҷикистон боқӣ мемонанд, Аксарияти пурсидашудагон (73,5%) пайвастани ҷавононро ба гурӯҳҳои экстремистӣ ва террористӣ ҳамчун яке аз хатарҳои асосии амнияти Тоҷикистон мешуморанд. Аксарити пурсидашудгон ҳаракати “Толибон”, ал – Қоида, Салафия (43.3 %), Ҳизби – ут – Таҳрир ва ташкилоти террористии экстремистии Ҳизби наҳзати исломиро ҳизбу ҳаракатҳои характери экстремистию терростӣ дошта мешуморанд.

Бояд гуфт, ки дар охири садаи XIX ва ибтидои садаи XX бунёдгароии исломӣ аввал дар шакли ваҳҳобия ва имрӯз бо унвони салафия ба кишварҳои мусулмоннишини Осиёи Ҷанубу Шарқӣ низ роҳ ёфт. Аҳамияти геосиёсии минтақаи мазкур дар он аст, ки он мавқеи геостратегӣ дорад, яъне роҳҳои баҳрии кӯтоҳтарин ба воситаи гулӯгоҳи Малакка, ки дар ҳамин минтақа ҷойгир аст, ба уқёнуси Ором бевосита роҳи баҳрӣ дорад. Бинобар он, ин минтақа маҳалли бархурди манфиатҳои кудратҳои ҷаҳонӣ аст. Ғарб кӯшиш дорад бо ёрии шариконаш аз ҷаҳони араб ба ин минтақа ба воситаи салафияи ифротӣ таъсиргузор бошад. Ба ҳамин сабаб имрӯз салафияи ифротӣ дар кишварҳои минтақаи Осиёи Ҷанубу Шарқӣ, ба вижа Индонезияю Малайзия, ки аксари аҳолиашон мусулмонанд, тавассути маблағгузории Арабистони Саудӣ паҳн гардида, дар баланд бардоштани сатҳи таассуби динию хурофот дар ин кишварҳо саҳм мегирад. (Автореферат саҳ 4)

Муаллиф дар автореферати диссертатсия максад ва вазифаҳои илмӣ гузошта, бо истифода аз усулҳои илми муосир дидгоҳои олимони дохилию хориҷиро нисбат ба афкори такфирӣ-ҷиҳодии зиддимиллию зиддитамаддунии ҷараёни салафияи ифротӣ нишон додааст. Нурулҳақ Қамар аз таҳқиқотҳои олимони ватанию хориҷӣ истифода намуда, дар шароити пурпечутоби замони ҷаҳонишавӣ мавзуи таҳқиқотии худро дар сатҳи баланди илмӣ таълиф намудааст.

Аз автореферати диссертатсия айн мешавад, ки муаллиф ин мавзуро ба таври васеъ мавриди таҳқиқ қарор дода, муқаррар намудааст, ки аз назари манбаъҳои илмии ғарбӣ барои ифодаи истилоҳи салафия мафҳумҳои “традитсионализм”, “фундаментализм” ва “возрожденчество”-ро ба кор мебаранд. Аммо, муаллиф баён менамояд, ки барои ифода намудани чеҳраи воқеии салафия мафҳуми “фундаментализм” (бунёдгароӣ) мувофиқтар аст. Мафҳуми “традитсионализм” бошад, аслан мафҳуме аст, ки муҳаққиқони ғарбӣ ба исломи суннатӣ ё анъанавӣ доданд, як андоза моҳияти салафияро ҳам дар бар мегирад, зеро ҳамаи “муҳофизакорон”, муҳофизони исломи суннатӣ дар баробари таълимоти фиқҳие, ки ин ё он мактаби фиқҳӣ ба низом даровардааст, ҳамон суннати пешиниёнро низ дар фиқҳи худ ҳифз кардаанд. Аз ин нигоҳ, агар “салафия”-ро, ки суннати пешиниён аст, бо таълимоти ҳамаи мактабҳои фиқҳӣ муқоиса намоем, онҳо низ пайрави суннати пешиниёнанд. Дар ин миён мақоми фиқҳи Абуҳанифа фарқ мекунад.

Нурулҳақ Қамар тавонистааст, ки дар ин таҳқиқоташ аз далелҳои илмӣ ва маводҳои илмӣ истифода бурда, нуқтаи назари хешро бо мисолҳои мушаххас собит намояд. Таҳқиқоти илмии унвонҷӯ Н. Қамар «Салафия: назария ва амалия» айни замон мавзуи мубрам буда, натиҷаҳои илмии он дар илми диншиносӣ ва афкори фалсафию иҷтимоӣ имрӯз ҳам муфид мебошад.

Дар баробари муваффақиятҳои ба даст овардаи муаллифи рисола як нуктаро бояд зикр созем, ки автореферати рисола аз нигоҳи ягонагии мафҳумҳо ва мақулоти (категорияҳои) фалсафӣ дар вақти таҳлили забонӣ (лингвистӣ) содда ба назар мерасанд. Ин гуноҳи Нурулҳақ Қамар набуда, камбудиву норасоии тамоми рисоллаҳои илмӣ дар бахши таърихи фалсафа ва диншиносӣ ва умуман фалсафа мебошад. Бояд қайд намоям, ки диншиносӣ ҳамчун соҳаи илм дар ҳавзаи илми кишвари мо нав буда, истилоҳотсозии соҳавӣ то ҳануз ташаккул наёфтааст. Имрӯз зарурати он расидааст, ки ба масъалаи мазкур диққати ҷидди дода шавад.

Аз автореферати диссертатсия маълум мешавад, ки таҳқиқоти Н. Қамар дар мавзуи «Салафия: назария ва амалия» таҳқиқоти муҳим, кори ба пуррагӣ анҷомёфта ва мустақилона буда, ба талаботи Комиссияи олии атестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Тартиб додани дараҷаҳои илмӣ ва унвонҳои илмӣ» ҷавобгӯ мебошад.

Дар асоси гуфтаҳои дар боло овардашуда метавон хулоса кард, ки рисолаи илми Нурулҳақ Қамар дар мавзуи «Салафия: назария ва амалия» дар сатҳи баланди илмӣ таълиф шуда, хулосаҳои пешниҳодшудаи он барои ҷомеа ва илми мо аҳамияти ҳам назариявӣ ва ҳам амалӣ доранд, таҳқиқоти илмии пурра анҷомёфта ба ҳисоб рафта муаллифи ин таҳқиқот барои сазовор шудан ба дараҷаи илмии доктори илмҳои фалсафа, аз рӯйи ихтисоси 09.00.014 – Фалсафаи дин ва диншиносӣ арзанда мебошад.

**Шоисматуллоев Ш. – мудири шуъбаи сотсиологияи Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А.Баҳоваддинови АМИТ, д.и.с., профессор**

**Тел.: (+992) 935-08-68-78**
**Суроға: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 33,**

**Имзои Ш. Шоисматуллоевро тасдиқ мекунам:**
**Сармутахассиси шуъбаи кадрҳои Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А.Баҳоваддинови АМИТ**
**___________________ Абдураҳмонзода Б.**
**«18» «09» с. 2024**